## Ќоидаҳои иштирок дар бозии «Комёб шав»

Қоидаҳои иштирок дар бозии **«Комёб шав!»** (минбаъд – «Бозӣ») аз контент-провайдери «Васпул», аз 01 январи соли 2025 дар минтақаи хизматрасонии Шабакаи алоқаи мобилии Оператори алоќа – ҶСП «Вавилон Мобайл» (минбаъд «Оператор»), ки хизматрасонии алоқаро таҳти тамғаи молии (тамғаи хизматрасонии) «Babilon-Mobile» пешниҳод менамояд ва дар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошад, ташкил ва гузаронида мешавад.

Қоидаҳои мазкур (минбаъд – «Қоидаҳо») оферта (пешниҳод) ба ҳисоб рафта (минбаъд дар матн «Оферта») ба муштариёни «Вавилон-Мобайл» нигаронида шудааст. Истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур мавриди истифода ќарор гирифтаанд, бо истилоҳоте, ки дар Шартнома истифода мешаванд, мувофиқат мекунанд, агар тартиби дигаре дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ нашуда бошад.

### Боби 1. Ташкили бозӣ

1.1. Бозӣ тавассути обуна гузаронида шуда, барои муштариён пулакӣ мебошад.
1.2. Ҷоизаҳои Бозӣ танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда мешаванд.
1.3. Бозӣ ба Марҳилаҳо (минбаъд дар матн «Марҳилаҳо») тақсим мешавад, ки ҳар кадоми онҳо як моҳ давом мекунад.
1.4. Тибќи Ќоидаҳои мазкур натиҷаҳои Бозӣ дар давоми 5 (панҷ) рӯзи пас аз анҷоми ҳар як Марҳила ҷамъбаст карда мешаванд. Љоизаҳо дар охири ҳар як Марҳилаи Бозӣ дар давоми 40 (чил) рӯзи тақвимӣ бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи Қоидаҳои мазкур дастрас карда мешаванд.

### Боби 2. Иштирокчиёни Бозӣ

2.1. Иштирокчиёни Бозӣ (минбаъд – «Иштирокчиён») метавонанд шахсони воқеие бошанд, ки Муштарии Оператор ба ҳисоб меравандва хоҳиши иштирок дар Бозиро доранд. Онҳо метавонанд бо ќумаки воридсозииUSSD фармони *3535# ё ирсоли калимаи калидии START 1 тавассути SMS ба рақами кӯтоҳи 3535 дар Бозӣ ширкат варзанд.
2.2. Иштироки кормандон, намояндагон ва аъзои оилаи кормандон ва намояндагони Оператор ва Ташкилкунанда дар Бозӣ манъ аст.
2.3. Ба иштирокчиён ҳангоми иштирок дар Бозӣ иљозат дода намешавад:

- истифодаи дилхоҳ таҷҳизот, ба истиснои дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ (минбаъд «телефони мобилӣ») бо симкорти Оператор мебошад;
- истифодаи ҳама гуна нармафзор, аз ҷумла нармафзори дар телефони мобилӣ насбшуда, ба истиснои нармафзоре, ки аз ҷониби

Ташкилкунанда ё Шарики он таҳия шудааст;
- истифодаи нармафзоре, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики он таҳия шуда, барои иштирок дар Бозӣ пешбинӣ шудааст ва бо ҳар роҳ, аз ҷумла бо дахолат ба рамзи барнома тағйир дода шудааст;
- дилхоҳ усулҳо ва воситаҳои дигари автоматикунонии раванди иштирок дар Бозӣ.

2.4. Ҳама шахсоне, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё талаботи бандҳои 2.1-2.3-и Қоидаҳои мазкурро вайрон мекунанд, набояд дар Бозӣ иштирок кунанд ва наметавонанд Љоизаи Бозиро талаб кунанд. Агар Ташкилкунанда чунин шахсонро дар яке аз Марҳилаҳои Бозӣ, аз ҷумла ҳангоми муошират бо Иштирокчиён барои пешниҳоди ҷоизаи Бозӣ ошкор намояд, онҳо ҳуқуқи гирифтани Ҷоизаи Бозиро аз даст медиҳанд. Маблағҳое, ки чунин Иштирокчиён барои иштирок дар Бозӣ сарф кардаанд, баргардонида намешавад.

## Боби 3. Љоизаҳои Бозӣ

3.1. Ҷоизаҳои Бозӣ дар охири ҳар як Марҳила ба Иштирокчиёне дода мешаванд, ки дар рейтинги ниҳоии Марҳилаи анҷомёфтаи Бозӣ ҷои аввалро соҳиб шудаанд (минбаъд «Ғолиб»).
3.2. Љоизаҳо мутобиќи фонди љоизавии мукарраршуда дода мешаванд.
3.3. Фонди љоизавӣ ҳар як Марҳила: 1 смартфони муосир.

## Боби 4. Тартиби гузаронидани Бозӣ

4.1. Иштирокчиёни бозӣ 15 дақиқаи бонусиро тавассути SMS аз рақами кӯтоҳи 3535 пас аз бомуваффақият ситонидани пардохти абонентӣ, ҳар рӯз дар давоми ҳар як Марҳила соҳиб мешаванд. Вазифаи иштирокчиён – аз он иборат аст, ки ҳар рӯз бахти виртуалиро бо худ муддати тӯлонӣ нигоҳ доранд.
4.2. Барои иштирок дар Бозӣ, Муштарӣ бояд тавассути ирсоли дархости USSD (минбаъд - дархости USSD) ба рақами хизматрасонии *3535# ё ирсоли калимаи калидии START 1 тавассути SMS ба рақами кӯтоҳи 3535 обуна шавад. Ҳар як Муштарие, ки бори нахуст ба бозӣ ҳамроҳ мешавад, барои пайвастшавӣ 25 дақиқа дақиқаҳои бонусӣ мегирад. Агар Муштарӣ хизматрасониро ғайрифаъол карда, дубора пайваст шавад, ба хизматрасонӣ ба таври пулакӣ пайваст мешавад.
4.3. Пас аз ба расмият даровардани обунаи Муштарӣ аз суратҳисоби шахсии ӯ дар шабакаи алоқаи Оператор маблағи 1 (як) сомонӣ, бо назардошти ҳамаи андозҳо, барои иштирок дар Марҳилаи дахлдори Бозӣ ситонида мешавад. Дар сурати кифоя набудани маблағ дар суратҳисоби шахсии Иштирокчӣ барои пардохти рӯзи дигари Бозӣ, ӯ дар он иштирок намекунад. Иштироки чунин Муштарӣ дар Бозӣ ба таври худкор пас аз пур кардани ҳисоби шахсии ӯ ва оғози рӯзи навбатии Бозӣ барқарор карда мешавад.
4.4. Барои Ғолиби Марҳилаи бозӣ шудан ва талабгори ғолиби Ҷоиза

гардидан, Иштирокчӣ бояд ҳамарӯза дар Бозӣ иштирок кунад ва муваффақияти виртуалиро ҳар рӯз дар муддати тӯлонӣ нигоҳ дорад. Муштарӣ метавонад бурди виртуалиро то охири рӯзи тақвимӣ нигоҳ дорад (бо вақти маҳаллӣ 23:59:59). Пас аз иваз шудани рӯз Муштарӣ метавонад бо такрори дархости USSD ба рақами хизматрасонӣ *3535# ё бо ирсоли калимаи калидии START 1 тавассути SMS ба рақами кӯтоҳи 3535  бурди виртуалӣ гирад. То ваќте ки Муштарӣ дар бозӣ фаъол аст, дақиқаҳои гирифтаи ӯ дар Марҳилае, ки дар он иштирок мекунад, гум намешаванд.
4.5. Агар Иштирокчӣ хоҳиши гирифтани дақиқаҳои иловагиро дошта бошад, бояд калимаи калидии START 1-ро ба рақами кӯтоҳи 3535 ирсол кунад ё фармони USSD-и *3535# -ро ворид намояд. Ҳар як бастаи иловагӣ 25 дақиқаи бонусӣ меорад. Арзиши ҳар як баста 1 (як) сомонӣ бо назардошти ҳамаи андозҳо ташкил медиҳад. Ташкилкунанда ба сифати бонус ҳар як бастаи 4-умро (25 дақиқаи бонусї) медиҳад.
4.6. Агар Иштирокчӣ аз хизматарсонӣ хориҷ шавад, дақиқаҳо ба тавозуни виртуалии ӯ гузаронида мешаванд ва ҳангоми дубора обуна шудан ба Бозӣ тавозуни қаблӣ барқарор карда намешавад.
4.7. Дар давоми давраи гузаронидани Бозӣ, ба Иштирокчиён дар бораи гирифтани дақиқаҳои бонусӣ тавассути SMS аз рақами кӯтоҳи 3535 огоҳиномаи иттилоотӣ ворид мешаванд, аз ҷумла паёмҳое, ки обунаро ба Бозӣ тасдиқ мекунанд, инчунин огоҳиномаҳо дар асоси дархости корбарон фиристода мешавад.
4.8. Агар Иштирокчӣ дар идомаи Бозӣ иштирок кардан нахоҳад, барои ӯ қатъ намудани обуна кофӣ аст. Барои ин зарур аст, ки дархости USSD *3535*0# ё калимаи калидии STOP 1 тавассути SMS ба рақами кӯтоҳи 3535 фиристода шавад. Дар ин ҳолат иштирок дар Марҳилаи Бозӣ қатъшуда ва натиҷаи ҳозираи Иштирокчӣ аз Рейтинги бозӣ лағвшуда ҳисобида мешавад.
4.9. Фармонҳои Бозӣ:

| **Хизматрасонии Бозии «Комёб шав»** | | | |
|---|---|---|---|
| **№** | **Фармонҳо** | | |
| **1** | **SMS** | **USSD** | **Шарҳ** |
| **2** | start 1 | *3535# | Обуна, ба даст овардан /баргардонидани комёбӣ, гирифтани 25 дақиқаи иловагӣ |
| **3** | stop 1 | *3535*0# | Баромадан аз хизматрасонӣ |
| **4** | info 1 | *3535*9# | Тафтиши тавозуни даќиќавии шахси обунашуда |
| **5** | top 1 | *3535*2# | Тафтиши ТОП (беҳтарин) бозингарон |
| **6** | tj | | Гузаштан ба забони русӣ |
| **7** | ru | | Гузаштан ба забони тоҷикӣ |

## Боби 5. Рейтинги иштирокчиён ва қоидаҳои муайян кардани Ғолибон

5.1. Дар охири ҳар як рӯзи Марҳилаи Бозӣ, рейтинги Иштирокчиён аз рӯи вақте ташаккул меёбад, ки дар давоми он ҳар як иштирокчӣ бурди виртуалиро ҳифз мекунад. Дар охири ҳар як Марҳила маълумоти рейтингҳои ҳаррӯзаи ҳар як Иштирокчӣ ҷамъбаст карда шуда, рейтинги ниҳоӣ тартиб дода мешавад, ки дар асоси он Ғолибони Марҳилаи Бозӣ муайян карда мешаванд. Вақти ҷавоб бо дақиқияти то саҳми миллион сония сабт карда мешавад. Пеш аз оғози ҳар як марҳилаи нави Бозӣ, натиҷаҳои қаблии ҳамаи Иштирокчиён аз нав ба сифр баробар карда мешавад.

## Боби 6. Шартҳо ва тартиби гирифтани Љоизаҳои Бозӣ

6.1. Пас аз ҷамъбасти натиҷаҳои ҳар як Марҳилаи Бозӣ, ба Ғолибон SMS паёмак бо огоҳӣ дар бораи қарори гирифтани Љоиза фиристода мешавад ё аз ташкилкунанда ба ӯ занг мезананд.
6.2. Ғолиб барои гирифтани Ҷоиза бояд ба Ташкилкунанда дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ҷамъбасти натиҷаҳои марҳилаи Бозӣ маълумоти шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла маълумот оид ба бақайдгирӣ пешниҳод намояд. Маълумот ва ҳуҷҷатҳои зикршуда аз ҷониби Ғолиб ба Ташкилкунанда тавассути почтаи электронии staff@vaspool.com пешниҳод карда мешаванд. Агар Ғолиб дар мӯҳлати муайяншуда ба Ташкилкунанда маълумот ва ҳуҷҷатҳои номбаршударо пешниҳод накунад, Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад, қарор дар бораи надодани Ҷоизаи Бозиро ба чунин Ғолиб қабул намояд.
6.3. Иштирокчиёне, ки банди 2.3 Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, наметавонанд барандаи Ҷоиза шаванд.
Асос барои баровардан хулосаи Ташкилкунанда дар бораи мавҷудияти чунин ҳуқуқвайронкуниҳо ба ҳисоб мераванд:

- маълумоти дигари низоми техникие, ки Ташкилкунанда ва Шарик барои ҳуҷҷатгузории Бозӣ (дафтарҳо) истифода мебаранд, илова бар ин маълумоти чунин система ҳамчун ниҳоӣ эътироф мешавад ва аз ҷониби Иштирокчӣ мавриди баҳс қарор намегирад.

Дар чунин ҳолат, Ҷоиза ба Иштирокчии дигари Бозӣ мегузарад, ки аз рӯи рейтинги марҳилаи мувофиқи Бозӣ баъд аз Ғолиб қарор дорад.
6.4. Ташкилкунандаи Бозӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин аз додани Ҷоиза ба Ғолиб даст кашад:
• агар Ғолиб бо тартиби дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур пешбинишуда ва дар мӯҳлати дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур муқарраршуда бо Ташкилкунанда тамос нагирифта бошад;
• агар барандаи Ҷоизаи Бозӣ ба Ташкилкунанда маълумот ва ҳуҷҷатҳои дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур пешбинишударо пешниҳод накарда бошад ё маълумоти бардурӯғ ва/ё ҳуҷҷатҳои қалбакиро пешниҳод намояд (дар ҳолате, ки Оператор ё Ташкилкунандаи Бозӣ ба ҳаққонияти бозиҳо, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шубҳа дошта бошад ва/ё Ғолиб шахсан

пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурииро рад карда бошад);

- агар Ғолиб ба меъёрҳои муайян кардаи Иштирокчии Бозӣ, ки дар боби 2 Қоидаҳои мазкур зикр шудааст, мувофиқат накунад;
- агар Ғолиб дар давоми соли 2025 зиёда аз 1 маротиба ғолиби Бозӣ шуда бошад.

Дар чунин мавридҳо, ҷоиза ба Иштирокчии оянда аз рӯи рейтинг мегузарад.
6.3. Агар Ғолиби Љоиза аз гирифтани Љоиза дар давоми панҷ рӯз аз рӯзи Ғолиб эълони шудани ӯ даст кашад, ӯ вазифадор аст, ки Ташкилкунандаи Бозиро дар ин бора ба таври хаттӣ, бо пешниҳоди аризаи хаттӣ дар бораи даст кашидан аз гирифтани Ҷоизаи Бозӣ ба идораи наздиктарини Оператор, барои интиқоли минбаъдаи он ба Ташкилкунанда хабар диҳад. Додани Ҷоизаи Бозӣ дар ин ҳолат ба Ғолиб ё Иштирокчии дигари Бозӣ амалӣ карда намешавад.
6.4. Ғолиб барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои андоз дар робита бо гирифтани Ҷоизаҳои Бозӣ, танҳо худаш масъул аст.
6.5. Ҳуқуқ барои гирифтани Ҷоиза ба ҷои Ғолиб тибқи муқарароти қонун дар асоси ваколатнома иҷозат дода мешавад.
6.6. Барандаи Ҷоиза барои ҳама гуна пардохтҳои андоз масъул аст.

## Боби 7. Шартҳои дигар

7.1. Муштарие, ки ба рақами хизматрасонии *3535# нахустин USSD – дархост равон мекунад, розигии пурра ва бечунучарои худро бо Қоидаҳои Бозӣ тасдиқ мекунад, кафолат медиҳад, ки ба синни 18 расидааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муштарӣ дар доираи Шартномаи бо Оператор басташуда мебошад ва ба дигар меъёрҳои Иштирокчии дар боби 2-и Қоидаҳои мазкур пешбинишуда мувофиқат мекунад. Аз ҷониби Муштарӣ фиристодани дархости аввалини USSD ба рақами хизматрасонии *3535# боиси воришавии тағйирот ва/ё илова ба Шартномаи аз ҷониби Оператор бо Муштарӣ басташуда мегардад.
7.2. Қоидаҳои мазкур аз 01 январи соли 2025 эътибор пайдо мекунанд ва то лаҳзаи аз ҷониби Ташкилкунанда тағйир додан ё қатъ кардан, эътибор доранд. Қоидаҳои мазкур аз рӯзи дар огоҳиномаи дахлдор нишондодашуда тағйирдодашуда ё бозхондашуда ҳисобида мешаванд.
7.3. Агар Иштирокчӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз рӯзи тағйир додан ва/ё қатъи шартҳои Қоидаҳои бозӣ мутобиқи банди 7.2.-и Қоидаҳои мазкур ба суроғаи Ташкилкунанда оид ба рад кардан аз қабули тағйирот ва/ё қатъи шартҳо хабар надиҳад, инчунин, агар ӯ барои идомаи иштирок дар Бозӣ, ки аз ҷониби Ташкилкунанда бо шартҳои нав гузаронида мешавад, пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот ва/ё қатъ намудани шартҳои он амал содир карда бошад, тағйирот ва/ё қатъи шартҳо аз ҷониби Иштирокчӣ қабулшуда ҳисобида мешавад.
7.4. Бо иштирок кардан дар Бозӣ, иштирокчиён розӣ мешаванд:

- ба гирифтани таблиғот дар шакли SMS ва USSD паёмҳо, ки ба Бозӣ марбут мебошанд, инчунин розӣ мешаванд, ки Ташкилкунандаи Бозӣ ва Шарик, ё шахсони аз ҷониби онҳо барои гузаронидани Бозӣ

ҷалбшуда бо ҳар яки онҳо мубодилаи маълумот мекунанд, аз ҷумла, коркарди маълумоти марбут ба иштирок дар Бозии Иштирокчӣ (инчунин, иттилооти марбут ба маълумоти шахсии Иштирокчиён ва мундариҷаи дархостҳои SMS/USSD-и Иштирокчиён);
- ҳангоми гирифтани ҷоизаи Бозӣ, номҳо, тасвирҳои онҳо, аз ҷумла аксҳо, мусоҳибаҳо, инчунин маълумоти аз ҷониби Иштирокчӣ ба Ташкилкунанда пешниҳодшуда, метавонанд аз ҷониби Оператор/Ташкилкунанда барои огоҳ кардани шахсони сеюм дар бораи гузаронидани бозиҳо, бе розигии иловагии Иштирокчиён ва бе пардохти подош истифода бурда шаванд.

7.5. Муштарӣ бо иштирок дар Бозӣ ба Ташкилкунанда ва Оператор, инчунин шахсони сеюм, ки Ташкилкунанда бо мақсади гузаронидани Бозӣ ҷалб кардааст, барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ба шахсони сеюм интиқол додани маълумот, коркард ва истифодаи маълумоти шахсии чунин Иштирокчӣ барои тамос бо Иштирокчӣ дар доираи Бозиҳо, аз ҷумла тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, канали паёмнависии SMS ва почтаи электронӣ розигии худро баён мекунад. Иҷрои чунин амалҳо аз ҷониби Ташкилкунанда, Оператор ва шахсони ҷалбкардаи онҳо, аз онҳо гирифтани иҷозати иловагӣ аз Иштирокчӣ ва огоҳиҳои махсуси Иштирокчӣ оид ба иҷрои амалҳои номбаршударо талаб намекунад. Чунин розигии Иштирокчӣ дар давоми давраи Бозӣ ва 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ пас аз ба итмом расидани он бо қарори Ташкилкунанда/Оператор ё пас аз он, ки Иштирокчӣ аз обуна хориҷ карда мешавад, эътибор дорад. Иштирокчии Бозӣ ҳуқуқ дорад розигии худро бо роҳи даст кашидан аз иштирок дар Бозӣ бо тартиби муқарраршуда ё бо зикри он дар огоҳиномаи пешбининамудаи банди 7.4 Қоидаҳои мазкур бозпас гирад.
7.6. Ташкилкунанда/Оператор барои нуқсонҳо дар кори таҷҳизот ва/ё нармафзоре, ки таҳти масъулияти Ташкилкунанда/Оператор қарор надорад ва/ё пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани Бозӣ дар натиҷаи ҳолатҳое, ки аз Ташкилкунанда/Оператор вобаста нестанд (форс-мажор) масъулият надорад.
7.7. Ташкилкунанда/Оператор барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ вобаста ба гузаронидани Бозӣ масъулият надорад, агар чунин нокомӣ дар натиҷаи нобудшавии маълумоти шахсии Иштирокчӣ дар натиҷаи бозпас гирифтани онҳо аз ҷониби Иштирокчӣ рух дода бошад.
7.8. Иштирокчиён мустақилона тамоми хатарҳои марбут ба риоя накардани шартҳои Қоидаҳои мазкурро ба дӯш мегиранд. Хароҷоти Иштирокчиёне, ки дар рафти Бозї Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, ҷуброн карда намешавад.
7.9. Агар Иштирокчии Бозӣ Қоидаҳои Бозиро вайрон кунад ё амалҳои қаллобӣ  бо мақсади ба рӯйхати довталабон барои ба унвони Ғолиби Бозӣ ворид шуданро анҷом диҳад, Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад аз додани Ҷоиза даст кашад.
7.10. Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин аз иштироки Иштирокчӣ дар Бозӣ ва/ё додани Љоиза даст кашад:

- вайрон кардани Қоидаҳои мазкур аз тарафи Иштирокчӣ.

7.11. Ба Иштирокчиён ҳангоми иштирок дар Бозӣ истифодаи ҳама гуна таҷҳизот манъ аст, ба истисноӣ дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ бо симкорти Оператор мебошад.
7.12. Иштирокчиёни Бозӣ, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё талаботи бандҳои Қоидаҳои мазкурро вайрон мекунанд, набояд дар Бозӣ иштирок кунанд ва наметавонанд мукофоти Бозиро талаб кунанд. Агар Ташкилкунанда чунин шахсонро дар ҳама гуна марҳилаи Бозӣ, аз ҷумла ҳангоми муоширaт бо Иштирокчиён барои пешниҳоди ҷоизаи Бозӣ муайян кунад, онҳо ҳуқуқи гирифтани ҷоизаи Бозиро аз даст медиҳанд.

**Боби 8. Маҳдудияти масъулияти оператори алоқаи мобилӣ**

8.1. Оператори алоқаи мобилӣ Ташкилкунандаи Бозӣ нест ва барои амалҳои Ташкилкунанда дар ташкили Фонди Ҷоизаҳои Бозӣ ва интиқоли Ҷоизаҳои Бозӣ ба Ғолибон, инчунин барои ҳама гуна оқибатҳои амалҳои мазкур, ки бевосита ё бавосита ба шахсони сеюм дахл дорад, масъул нест.
8.2. Бо ирсоли SMS паёмҳо дар доираи Бозӣ, Иштирокчӣ (Муштарӣ) Операторро уҳдадор мекунад ва розигии худро барои ба Ташкилкунанда пешниҳод кардани маълумоти шахсии Иштирокчӣ (Муштарӣ) тасдиқ менамояд, яъне: рақами телефоне, ки аз он SMS паём фиристода шудааст, насаб, ном, номи падари Иштирокчӣ (Муштарӣ), матни паёми SMS, инчунин сана ва вақти фиристодани он.
8.3. Оператор, дилхоҳ маълумотеро, ки ба Бозӣ тааллуқ дорад, пешниҳод намекунад. Ҳама саволҳо ва даъвоҳо вобаста ба баргузории Бозӣ бо истифода аз маълумоти тамос дар зербанди 9.1.и Қоидаҳои мазкур ба Ташкилкунанда фиристода мешаванд.
8.4. Оператор имконияти фиристодани SMS-паёмҳоро танҳо дар доираи фарогирии шабакаи Оператор фароҳам меорад.
8.5. Бо иштирок дар Бозӣ, Иштирокчӣ (Муштарӣ) қабули шартҳои маҳдудияти масъулияти Операторро тасдиқ мекунад.

**Боби 9. Даъвоҳо ва муҳлати амали онҳо**

9.1. Бо мақсади пешгирии нақзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон Бозӣ бо риояи қатъии тамоми меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таблиғ ва ҳимояи истеъмолкунандагон гузаронида мешавад.
9.2. Дилхоҳ даъво оид ба баргузории Бозӣ ба почтаи электронӣ фиристода мешаванд: staff@vaspool.com. Санаи бақайдгирии даъво санаи қабули он ба ҳисоб мсеравад. Иштироккунанда бояд моҳияти даъворо муфассал ва равшан баён намояд.  Дар шикоят бояд насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ, рақами телефон барои тамос ва рақами телефоне, ки аз он SMS фиристода шудааст, мундариҷаи паёми SMS, сана ва вақти ирсоли SMS, почтаи электронии Иштирокчӣ барои ба ӯ интиќол додани љавоби шикоятро дарљ шавад.

9.3. Ҳамаи даъвоҳо дар давоми 10 (даҳ) рӯз аз рӯзи қабули он баррасӣ карда мешаванд.
9.4. Ташкилкунанда даъвоҳоро бо такя ба Қоидаҳои мазкур баррасӣ мекунад.
9.5. Ташкилкунанда барои мавҷуд набудани имконияти гирифтани Ҷоиза бо гуноҳи Ғолиби иштирокчии Бозӣ масъул нест.
9.6. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи интишори онҳо дар вебсайти Оператор www.babilon-m.com эътибор пайдо мекунанд. Муштариён дар бораи тағйирот ё қатъи амали Қоидаҳои мазкур на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ пеш аз эътибор пайдо кардани чунин тағйирот тавассути вебсайти Оператор www.babilon-m.com огоҳ карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзае, ки дар огоҳиномаи дахлдор нишон дода шудаанд, тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд.
Ќоидаҳои мазкур аз лаҳзае тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд, ки  дар огоҳиномаи дахлдор нишон дода шудаанд.
Агар пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот, Муштарӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи нашри тағйирот ба Қоидаҳо ба Ташкилкунанда дар бораи рад кардани қабули Қоидаҳои тағйирёфта хабар надиҳад, инчунин иштироки худро дар бозии «Комёб шав», ки аз ҷониби Оператор бо шартҳои нав, пас аз ворид шудани тағйирот гузаронида мешавад, идома диҳад, чунин тағйирот аз ҷониби Муштарӣ қабулшуда ҳисобида мешавад.